Бо қарори
Раёсати КОА назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 27 апрели 2017 №1/1
тасдиқ шудааст

# ДАСТУРИ
## Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

### Боби 1
### Муқаррароти умумӣ

1. Дастури мазкур тартиби фаъолияти Раёсати Комиссияи олии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - КОА), аз ҷумла омодасозии ҳуҷҷатҳо ба ҷаласаҳои он, амалисозии назорат аз болои иҷрои супоришҳои дар қарорҳои Раёсати КОА (минбаъд - Раёсат) мавҷудбударо муайянва танзим менамояд.
2. Раёсат мақоми иҷроияи илмӣ-аттестатсионии КОА буда, оид ба масъалаҳои додани дараҷа ва унвонҳои илмӣ қарор қабул мекунад.

Раёсат дар пешбурди сиёсати давлатӣ дар соҳаи аттестатсияи кадрҳои илмӣ ва илмӣ-омузгории тахассуси олӣ иштирок намуда, талаботи ягонаро нисбат ба сатҳи диссертатсияҳо ва тахассуси илмии довталабони дарёфти дараҷа ва унвонҳои илмиро таъмин мекунад.

Раёсат фаъолияти худро дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни ҶТ ”Дар бораи фаъолияти илмӣ ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника”, Низомномаи муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), “Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ”, дигар санадҳои қонунгузорӣ ва меъёрии ҳуқуқии маъмул, аз ҷумла, Дастури мазкур амали менамояд.

3. Шумора ва ҳайати шахсии Раёсат бо пешниҳоди Раиси КОА аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад. Ба ҳайати Раёсат раиси КОА ( раиси Раёсат), муовини раиси КОА (муовини риси Раёсат), котиби илмии КОА, инчунин, кормандони маъруфи илм, ки дорои дараҷаи илмии доктори илм мебошанд, шомил мешаванд. На камтар аз сеяки ҳайати шахсии Раёсат ҳар се сол як маротиба таҷдид мегардад.

Котиби илмии Раёсат бо фармоиши Раиси КОА аз ҷумлаи кормандони КОА таъйин мешавад.

Дар ҷаласаҳои Раёсат, ба ғайр аз аъзои он, бо даъвати раиси КОА шахсони дигар ҳам метавонанд иштирок намоянд.

4. Дар ҷаласаҳои Раёсат масъалаҳои асосии соҳаи аттестатсияи кормандони баландихтисоси илмӣ, аз ҷумла илмӣ-омӯзгорӣ ( минбаъд- кормандони илмӣ), бо шумули:

- дар асоси дархостномаҳои шӯроҳои диссертатсионӣ додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм;
- додани унвонҳои илмии профессор ва дотсент;
- нострификатсия (баробарарзишӣ)-и ҳуҷҷатҳо оид ба додани дараҷа ва унвонҳои илмии аз тарафи мақомоти аттестатсионии давлатҳое, ки бо Ҷумҳурии Тоҷикистон шартномаҳо дар бораи эътироф ва баробарарзишии ҳуҷҷатҳо оид ба додани дараҷа ва унвонҳои илмиро ба имзо расонидаанд ба шаҳравндони Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин шаҳрвандони давлатҳои хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд додашуда, дар холати аз тарафи онҳо амалӣ гардидани фаъолияти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дарёфти иҷозатнома барои иқомати доимӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- баргузории аттестатсияи такрории шахсоне, ки дараҷа ва унвонҳои илмиро дар давлатҳое дарёфт намудаанд, ки онҳо бо Ҷумҳурии Тоҷикистон шартномаҳо дар бораи эътироф ва баробарарзишии ҳуҷҷатҳо оид ба додани дараҷа ва унвонҳои илмиро надоранд;
- баррасӣ намудани апеллятсияҳо аз руйи масъалаҳои додани дараҷа ва унвонҳои илмӣ.

Агар масъалаҳои ба баррасии ҷаласаи Раёсат пешниҳодшаванда дорои сирри давлатӣ ва ё иттилооти интишори маҳдуд бошад, мақоми ҳифзи итиллооти сирри КОА маҷмӯаи тадбирҳо оид бо ҳифзи иттилооти мазкурро тибқи талаботи қонунгузории ҷорӣ амалӣ мекунад.

5. Тибқи салоҳияти худ Раёсат ҳуқук дорад:

- дархостномаҳои шӯроҳои диссертатсионӣ оид ба додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илмро рад намояд;
- дархостномаҳои шӯроҳои илмии муассисаҳо оид ба додани унвонҳои илмии дотсент ва профессорро рад намояд;
- ба яке аз аъзои худ баргузор намудани ташхиси иловагии диссертатсияро дар ҳолат ҳозир набудани аксарияти ҳалкунанда ( бештар аз нисфи шумораи умумии аъзои Раёсати КОА) супориш диҳад. Бо ин мақсад, дар мавридҳои зарурӣ мутахассисони дигарро аз рӯйи ихтисоси диссертатсия ҷалб намуда, ҳамзамон, довталаби дарёфти дараҷаи илмиро дар ин хусус огоҳ намояд;
- ҳангоми аз тарафи довталабон вайрон гардидани муқаррароти бандҳои 8, 11, 16-и Тартиби додани дараҷаҳои илм ва унвони илмӣ (дотсент, профессор) баррасии диссертатсияро дар КОА боздорад;

- бо тартиби муқарраршуда  кормандони илмӣ ва шахсони дигарро аз дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ маҳрум (барқарор) намояд.
-масъалаҳои дигари марбут ба додани дараҷаҳои илмӣ ва увонҳои илмиро баррасӣ намояд.
6. Тасмимҳои Раёсат дар шакли қарорҳои Раёсат қабул карда мешаванд.

## Боби 2
## Омодасозии ҷаласаҳои Раёсат

7. Дар ҷаласаҳои Раёсат масъалаҳои ба рӯзномаи ҷаласа шомил буда (минбаъд - рӯзнома) баррасӣ мешаванд.
Масъалаҳо ва пешниҳодҳоро барои ба рӯзномаи ҷаласа дохил намудан аъзои Раёсат, шӯроҳои ташхис, воҳидҳои сохтории КОА, инчунин, комиссияҳои аз тарафи КОА ташкилшуда, ироа мекунанд.
Аз руйи ҳар як масъалаи пешниҳодшаванда барои ворид намудан ба рӯзнома, воҳиди сохтории КОА маълумотномаро оид ба қарори Раёсат бо замимаи ҳамаи маводи барои баррасии масъалаи мазкур зарурбуда (минбаъд - маълумотнома) омода мекунад.

Пешниҳодҳои дар қисми дувуми банди мазкур нишондодашуда ва маълумотномаҳои ба онҳо замимашаванда бо муовини Раиси КОА, котиби илмӣ мувофиқа карда шуда, дар мӯҳлати на дертар аз ҳафт рӯзи корӣ пеш аз баргузории ҷаласа ба котиби илмии Раёсат ироа мешаванд.
Пешниҳодҳои воридгардида ва маълумотномаҳои ба онҳо замимашуда аз тарафи котиби илмии Раёсат на дертар аз панҷ рӯзи корӣ то баргузории ҷаласа ҷамъбаст карда мешаванд. Лоиҳаи рӯзномаи бо муовини Раиси КОА ва котиби илмӣ мувофиқашуда ба Раиси КОА барои баррасӣ ва тасдиқ пешниҳод карда мешавад.

Дар мавридҳои истисноӣ бо иҷозатномаи Раиси КОА ироаи пешниҳодҳо баъди тамом шудани мӯҳлати дар қисми чоруми ҳамин банд зикршуда низ иҷозат дода мешавад. Барои ин воҳиди сохторӣ гузоришномаи бо муовини Раиси КОА, ва котиби илмӣ мувофиқашударо бо далелҳои асосноки зарурати ба рӯзнома ворид намудани масъалаи мазкур пешинҳод менамояд.
8. Раис, ҳамчунин, руйхати шахсони ба ҷаласаи Раёсат даъватшавандаро тасдиқ мекунад.
Котиби илмии Раёсат даъватномаҳоро ба ҷаласаи Раёсат омода намуда, онҳоро тибқи рӯйхати тасдиқшуда ирсол мекунад.
9. Рӯзномаи тасдиқшуда ва маводи иттилоотии зарурӣ аз тарафи котиби илмии Раёсат ба таваҷҷуҳи аъзои Раёсат ва шахсони даъватшаванда, маъмулан, на дертар аз се рӯзи корӣ то рӯзи баргузории ҷаласаи Раёсат расонида мешаванд ва ҳамзамон дар сомонаи КОА ҷой дода мешаванд.

Барои бо рӯзнома ва маводи иттилоотии зарурӣ шинос намудани аъзои Раёсат, котиби илмии Раёсат, аз ҷумла, низоми худкори электронии мубодилаи ҳуҷҷатҳо ва почтаи электрониро истифода мекунад. Ӯ ҳамчунин таксири ҳуҷҷатҳои ҷаласаи Раёсатро амалӣ менамояд.

10. Аъзои Раёсат вазифадоранд, ки на дертар аз як рӯзи кории қабл аз баргузории ҷаласаи Раёсат бо диссертатсияҳо ё авторефератй диссертатсияҳое, ки ихтисоси онҳо ба самти таҳқиқоти илмии онҳо мутобиқат доранд, шинос шаванд.

11. Бақайдгирии иштироккунандагони ҷаласаи Раёсат ва додани маводи тавзеъшавандаро котиби илмии Раёсат амалӣ менамояд.

12. Таъминот, мусоидати техникӣ ва меъёрии ҳуқуқии баргузории ҷаласаҳои Раёсатро котиби илмии КОА ба амал мебарорад.

## Боби 3
## Тартиби баргузории ҷаласаҳои Раёсат

13. Ҷаласаҳои Раёсат аз рӯйи зарурат, маъмулан, на камтар аз як дафъа дар як моҳ, бо раисии Раиси КОА баргузор мегарданд.

Дар ҳолатҳои истисноӣ, ҳангоми ҳузур надоштани Раиси КОА, ҷаласаро муовини Раиси КОА ва дар ҳолати ҳамзамон ҳозир набудани Раиси КОА ва муовини ӯ, дар ҳолати имконнопазир будани таъхири ҷаласаи Раёсат, ҷаласаро котиби илмии КОА (минбаъд - раисикунанда) баргузор мекунад.

14. Санаи баргузории ҷаласаи Раёсатро, маъмулан, раиси КОА бо пешниҳоди котиби илмӣ муайян мекунад.

15. Ҷаласаи Раёсат ҳамон вақт босалоҳият дониста мешавад, ки агар дар он на камтар аз се ду ҳиссаи аъзои Раёсат ҳузур дошта бошанд.

16. Дар ҷаласаҳои Раёсат ба ғайр аз аъзои Раёсат, котиби илмии Раёсат ва шахсони даъватшуда, бо иҷозати раиси Раёсат ё раискунанда, бо ҳуқуқи овози машваратӣ метавонанд роҳбарони шӯроҳои ташхис, раисони комиссияҳои аз тарафи КОА таъсисгардида, инчунин, роҳбарони воҳидҳои сохтории КОА, ки масъалаҳои онҳо ба баррасии ҷаласаи Раёсат бароварда шудааст, ва ашхоси дигар иштирок намоянд.

Намояндагони воситиҳои ахбори омма метавонанд дар ҷаласаҳои Раёсат танҳо бо иҷозати раиси КОА ҳузур дошта бошанд.

17. Масъалаҳои ба рӯзнома воридгардида дар ҷаласаи Раёсат аз тарафи роҳбарони КОА, раисони шӯроҳои ташхиси КОА, намояндагони комиссияҳои аз тарафи КОА таъсисшуда, роҳбарони воҳидҳои сохтории КОА, аъзои Раёсат, ки масъули омода намудани масъала мебошанд, гузориш дода мешаванд.

18. Қарорҳои Раёсат, маъмулан, ба тариқи гузаронидани овоздиҳии ошкоро қабул карда мешаванд. Овоздиҳии пинҳонӣ дар ҳолати ворид шудани чунин дархост аз тарафи як ё якчанд аъзои Раёсат баргузор мегардад. Қарори Раёсат ҳамон вақт қабулшуда ҳисоб мешавад, ки агар ба тарафдории он на камтар аз нисфи ҳайати умумии Раёсат овоз дода бошад.

Аъзои Раёсат, ки роҳбарони илмии (мушовирони илмии) довталабоне, ки диссертатсияи онҳо дар ҷаласа баррасӣ мегардад, мебошанд ҳуқуқи ширкат кардан дар овоздиҳӣ–ҳангоми қабули қарор оид ба додани дараҷаи илмиро надоранд.

19. Агар дар натиҷаи овоздиҳӣ дар Раёсат аз рӯйи масъалаи ба довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ додани дараҷаи илмӣ, шумораи зарурии овозҳои барои қабули қарори мувофиқ бо хулосаи шӯрои ташхис ба даст наояд, Раёсат ба яке аз аъзои худ гузаронидани ташхиси иловагии диссертатсияро супориш медиҳад.

20. Узви Раёсат, ки бо қарори Раёсат пурра ё қисман-розӣ набошад, ҳуқуқ дорад, ақидаи вижаи худро ба таври хаттӣ мазур намояд. Он ба қарари Раёсат замима гардида, дар ин хусус ба аъзои Раёсат иттилоъ дода мешавад.

Ҳангоми баргузор намудани ташхиси иловагӣ, узви Раёсат ҳақ дорад, дар мариди зарурат мутахассисони дигари ихтисосманди соҳаи диссертатсияро ҷалб намояд. Дар ҷаласаи навбатии Раёсат, ташхисгари таъйиннамудаи Раёсат хулосаи хаттиро аз рӯйи хулосаҳои ташхиси баргузоршуда пешниход мекунад. Қарори ниҳоиро Раёсат бо дарназардошти хулосаи пешниҳодгардида дар ҷаласаи навбатии Раёсат қабул мекунад.

Ҳангоми қабули қарори Раёсат аз рӯйи апеллятсия хулосаи комиссия оид ба баррасии апеллятсия ба инобат гирифта мешавад. Қароре, ки Раёсат оид ба апеллятсия, алалхусус, дар бобати арзёбии илмии диссертатсия қабул мекунад, қарори ниҳоӣ мебошад.

21. Дар ҷараёни ҷаласаи Раёсат протокол тартиб дода мешавад. Тартибу танзими протоколро котиби илмии Раёсат ва дар ҳолати хузур надоштани ӯ, шахсе, ки раиси Раёсат ва ё раисикунанда таъйин мекунад, таъмин менамояд.

22. Қарори Раёсат дар муҳлати на камтар аз панҷ рузи баъди ҷаласаи Раёсат аз тарафи шахсони онро омодакарда ба муовини Раиси КОА манзур гардида, аз тарафи раиси Раёсат ё раискунанда ва инчунин котиби илмӣ имзо карда мешавад.

23. Қарори Раёсат дар варақаи расмии КОА ба расмият дароварда мешавад ва дорои шоҳисҳое мебошад, ки бо тартиби муайян ҷойгир шудаанд.

Қарори Раёсат дар низоми худкори мубодилаи ҳуҷҷатҳо ба қайд гирифта мешавад, нусхаи элетронии он ва замимаҳои қарор ба ҳуҷҷати марбутаи корти бақайдгирӣ-назоратӣ насб карда мешавад.

Қарори Раёсат ба шакли хаттӣ дар назди котиби Раёсат нигаҳдорӣ мешавад. Бо гузаштани як сол, аммо на дертар аз ду соли баъди хатми коргузории дафтардорӣ, қарор ба бойгонии КОА бояд супорида шавад.

24. Ирсоли нусхаҳои қарорҳои Раёсат ва дар сурати зарурат нусхаҳои протоколи ҷаласаи Раёсат дар муддати панҷ рӯзи корӣ аз рӯзи ба имзо расидани қарорҳои Раёсат, мутобиқи шохиси тавзеъ, ки аз тарафи воҳидҳои сохтории масъули омодасозии масъалаҳои дар ҷаласаи Раёсат баррасишаванда, мураттаб мешаванд, амалӣ мегардад.

Шохиси тавзеъ ҳамроҳ бо ҳуҷҷатҳои марбут ба протоколҳои ҷаласаи Раёсат нигаҳдорӣ мешаванд.

25. Протоколҳои ҷаласаҳои Раёсатро дар мухлати даҳрӯза аз рӯзи баргузории ҷаласа аз тарафи котиби илмии Раёсат дар асоси қайдҳои техникӣ, дастнависҳо, пайнавиштҳо ва ғайра, инчунин, ҳуҷҷатҳои барои ҷаласа омодагардида (рӯзнома, маълумотномаҳо ва ғайра) ба расмият даровaрда мешавад. Протоколҳои ҷаласаҳои Раёсатро раиси Раёсат ё раисикунанда, котиби илмии КОА ( котиби илмии Раёсат) имзо мекунанд.

Протоколҳои ҷаласаҳои Раёсат аз тарафи котиби илмии Раёсат дар низоми худкори электронии мубодилаи ҳуҷҷатҳо ба қайд гирифта шуда, нусхаи электронии онҳо ва замимаҳо ба протокол дар ҳуҷҷати марбутаи корти бақайдгирӣ-назоратӣ насб карда мешавад.

Протоколҳои ҷаласаҳои Раёсат ба шакли хаттӣ дар назди котиби илмии Раёсат нигоҳдорӣ мешаванд. Бо гузаштани як сол, аммо на дертар аз ду соли баъди хатми коргузории дафтардорӣ, протоколҳо бо тартиби муқарраршуда ба бойгонии КОА бояд супорида шаванд.

26. Тартиби назорати иҷрои супоришҳои дар қарорҳои Раёсат ҷойдошта, инчунин, омодасозии нусхаи протоколҳои ҷаласаҳои Раёсат ва рӯйнавишти онҳоро Дастурамал оид ба тартиби коргузории дафтардорӣ дар КОА, ки аз тарафи Раиси КОА тасдиқ карда шудааст, муқаррар менамояд.

27. Ҷаласаҳои Раёсати КОА, маъмулан, дар шаҳри Душанбе дар бинои маъмурии КОА баргузор мешаванд. Дар мавриди зарурат мумкин аст, ҷаласаҳои сайёр баргузор карда шаванд.